# РӮЗИ ОМӮЗГОР ВА ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ҲУМОЮН БОД!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 6 (206) 4-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2025, ШАНБЕ



**Забони тоҷикӣ дар тули асрҳои зиёд ба сифати омили ваҳдатсозу муттаҳидкунанда хизмат карда, имрӯз низ ба мардуми мо барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва пешрафту ободии Ватани аҷдодӣ илҳому неру мебахшад.**

**Забони тоҷикӣ баёнгари тамоми арзишҳои бузурги маънавии халқи мо буда, тамаддун ва фарҳанги куҳанбунёд, ки мо бо онҳо ифтихор мекунем, то ба имрӯз маҳз ба воситаи забони модариамон ҳифз гардидааст; бо он забони латифу нафисе, ки матнҳои беш аз ҳазору дусад сол қабл навишташудаашро мехонему мефаҳмем; бо он забоне, ки садҳову ҳазорҳо бузургони суханвари ин марзу бум эҷод кардаанд ва осори ҷовидонаи худро ба имрӯзиён мерос гузоштаанд.**

**Ҳар як шаҳрванди кишвар, махсусан, наврасону ҷавонон бояд сатҳи забондонӣ ва маданияти нутқи худро пайваста баланд бардошта, барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони ширини модарӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ кӯшиш намоянд.**

Эмомалӣ РАҲМОН

Бо қалби пур аз ифтихор ва ихлосу фарахмандӣ ҳамаи Шумо устодони гиромиву арҷмандро ба муносибати Рӯзи омӯзгор – иди касбии аҳли илму маърифат, нобтарин чеҳраҳои ҷомеа аз самими қалб табрику муборакбод менамоям.

Рӯзи омӯзгор рамзи қадршиносии заҳмати софдилона ва хизматҳои арзандаи онҳое мебошад, ки бо қалби гарму нияти нек роҳи нуру маърифатро равшан месозанд.

Маҳз тавассути талош ва заҳмати содиқонаи Шумо, омӯзгорони азиз, ҷомеа ба комёбиҳо ноил мегардад, насли ҷавон бо илму маърифат, одобу ахлоқи ҳамида ва ҳисси ватандӯстӣ парвариш меёбад.

Омӯзгор шахсест, ки барои ҳар як инсон роҳнамои ҳаёт ва ифодагари маънои ҳақиқии дониш ва хирад аст. Шумо поягузорони маънавиёти миллӣ ва такягоҳи устувори давлатдорӣ мебошед.

Дарвокеъ, омӯзгорон бузургтарин сарвати миллатанд. Онҳо чароғи роҳнамои ҷомеа, пояи устувори маърифат ва кафили рушду нуру равшании ҳар давлатанд. Аз донишу хиради омӯзгор тарбияи шахсият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва поиндагии миллат оғоз мегардад.

Илова бар ин, бо меҳнату фидокорӣ ва сабру таҳаммулпазирии Шумо насли ҷавон ба илму маърифат рӯ меорад, арзишҳои инсонӣ ва ватандӯстиро меомӯзад, ва барои ободии Ватан саҳм мегузорад.

Вакте ҷаҳони муосир ба дониш, ихтироот ва афкори нав ниёз дорад, нақши омӯзгор боз ҳам бештар эҳсос мешавад. Ҳар як комёбии шогирд, ҳар як дастоварди илмӣ ва ҳар як пешрафти кишвар натиҷаи меҳнати шабонарӯзии омӯзгор аст. Бинобар ин, эҳтирому сипос ба омӯзгор эҳтиром ба илму фарҳанг, ба маънавиёт ва ба хирад аст.

Имрӯз ҷомеаи мо бо ифтихор эътироф мекунад, ки заҳмати омӯзгор танҳо кори касбӣ нест, балки рисолати муқаддас аст.

Дар ин рӯзи фараху фархунда, ба ҳар яки Шумо омӯзгори ниҳоят гиромӣ тандурустии бардавом, рӯзгори обод, иқболи баланд, сабру таҳаммул ва комёбиҳои тозаро дар фаъолияти пурмасъулиятатон орзу менамоям.

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Насриддинзода Э.С.**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ
ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимчон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Якуб ҲАКИМОВ**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Махмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Идизода Ф.Ф.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ



Рӯзи 2-юми октябри соли 2025 дар факултети ҳуқуқшиносӣ бахшида ба "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон намудани солҳои 2025 – 2030» конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Объектҳои ҳуқуқи маданӣ: тамоили инкишоф ва ҳифзи ҳуқуқӣ" доир гардид.

Дар кори конференсия олимони маъруфи ватанию хориҷӣ, намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, намояндагон аз вазорату кумитаҳои гуногун ва устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.

Изҳори умед карда шуд, ки конференсияи мазкур дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии мутахассисони соҳа, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва таҳкими қонунгузории кишвар нақши муассири худро хоҳад гузошт.

# ХУШХАБАР



Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро боз ғанӣ мегардонанд.

Дар ин асно, санаи 30-юми сентябри соли 2025 устоди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ Фозилов Насимчон Носирович рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Развитие института лиц участвующих в деле в гражданском процессе Таджикистана: историко-правовые и гражданско-процессуальное исследование", зери роҳбари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Тағойназаров Шариф аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01. ва 12.00.15 сарбаландона ҳимоя намуд.

Садорат ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Насимчон Носировичро бо ин дастоварди арзишманди илмӣ таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмиашон барору комёбиҳои аз ин бештарро орзу менамоянд.

# ИШТИРОКИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДАР МУКОЛАМАИ БАЙНИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ОИД БА ҲИФЗ ВА ПЕШБУРДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Таърихи 26-уми сентябри соли равон дар меҳмонхонаи HAYAT REGENCY-и шаҳри Душанбе Муколамаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бо дастгирии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар якҷоягӣ бо Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии сатҳи баланд донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври фаъолона ширкат варзида, дар мубоҳисаҳо ва баррасии масоили муколама саҳми назаррас гузоштанд.

Иштироки фаъоли донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар чунин чорабиниҳо далели равшани он аст, ки ҷавонони кишвар омодаанд масъулиятҳои иҷтимоӣ ва касбии худро дар рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, пешбурди арзишҳои умумибашарӣ ва татбиқи баробарии имкониятҳо ба дӯш бигиранд.




# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШУРОИ САРПАРАСТОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия дар сохтори муассисаҳои таълимӣ ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ таъсис дода шудааст, ки яке аз онҳо Шурои сарпарастон (кураторон) мебошад.

Дар ин асно, санаи 24.09.2025 дар синфхонаи 518 - и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нахустин ҷаласаи Шурои сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар соли 2025



баргузор гардид. Дар ҷаласа муовини аввали декани факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба таълим н.и.х., дотсент Саидов Ҳ.М., муовинони декан оид ба таълим ва тарбия, инчунин зиёда аз 50 нафар сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуданд.

Дар хотима, вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби ҳайати Шуро қарорҳои дахлдор қабул карда шуд, ки барои иҷрои босифат ва саривақтии онҳо тамоми имкониятҳои мавҷуда сафарбар хоҳад шуд.

# ИШТИРОК ВА БАРОМАДИ УСТОДИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Санаи 17-уми сентябри соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкент Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи "Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ" баргузор гардид. Дар кори конференсия олимон аз донишгоҳҳои давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, аз он ҷумла Донишгоҳи Ҳелсинкӣ, донишгоҳҳои Узбекистон, Тоҷикистон, Федератсияи Руссия, Қазоқистон, Қирғизистон ва ғ. иштирок намуданд.

Дар кори конференсия доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ Абдуллозода Парвиз Саъдулло бо маърӯза дар мавзуи "Моделҳои танзими ҳуқуқии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ" баромад намуд.

Дар фарҷом аз ҷониби иштирокчиён пешниҳодҳо ҷиҳати таснифи моделҳои танзими ҳуқуқӣ, мукаммалгардонии қонунгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ хуб қабул карда шуд.



**Таҳияи Абдуллозода Баҳодур**

# ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ҲАСТИИ МИЛЛАТ



Шерализода Ҷомӣ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

*Забон бузургтарин сармоя ва пурарзиштарин омили нигаҳдорӣ, ҳимоя ва интиқолдиҳандаи фарҳангу тамаддун ва суннату анъанаҳо буда, дар ҳифзи асолати миллӣ нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар самти забон ҷузъи ҷудонопазир маҳсуб ёфта, он метавонад дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ мусоидат намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол забони тоҷикиро забони ягонаи давлатии худ эълон доштааст. Аз ин рӯ, дар моддаи 2 Конститутсия муқаррар шудааст, ки «забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст».*

Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ҳифзи забони он мебошад. Маҳз дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар кардани мақоми забони давлатӣ ба чунин омилҳо вобастагии ногусастанӣ дорад: забон ва таърихи халқ бо ҳам алоқаи ҷудонопазир доранд, бахусус таърихи ғании халқи мо аз рӯйи далелҳои забонӣ маънидод шудааст; забони тоҷикӣ василаи маҳфуз доштани мероси гаронбаҳои маънавии беш аз чанд ҳазорсолаи халқи тоҷик аст; забони модарӣ дар таърихи тулонӣ дар муборизаҳо ҳамеша муттаҳидгари халқи тоҷик маҳсуб мешуд; дар забони модарӣ ҳофизаи халқ, ҷаҳони маънавӣ, меъёрҳои ахлоқии халқи тоҷик ҳифз карда шудаанд; забони модарӣ яке аз чаҳор аломати шинохти миллати тоҷик мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар посдории забони давлатӣ низ нақши бориз дорад. Он забони модариро ба шоҳроҳи инкишоф бароварда, имконият фароҳам овард, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ин чунин маъно дошт, ки дар кишварамон тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавию маърифатӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирад. Бояд аз мадди назар дур насозем, ки забон дар ҳамаи давру замонҳо як рукни давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи диди сарварони давлат нисбат ба забон ҳадафҳои сиёсӣ муайян мегардид. Нуқтаи назари сарвар ва ходимони давлатӣ ба мақоми забон дар ҷамъият, тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо ва роҳу усулҳои иҷрои он тадбирҳо сиёсати забонро дар мамлакат фароҳам меорад. Дар ҳар маърузаву суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ аён мегарданд. Чунончӣ, Пешвои муаззами миллат ҳанӯз 21 июли соли 2009 зикр намуда буданд, ки «забони давлатӣ, бешубҳа, яке аз арзишҳои бузурги миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ, гузашта аз ин, нишонаи возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик маҳсуб мешавад». Дар ин як ҷумла сухан аз арзиши миллӣ, пояи давлатдории миллӣ, нишони возеҳи истиқлолияти сиёсӣ ва таҷассумгари таърихи халқи тоҷик будани забони тоҷикӣ меравад. Дар замони мо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дастовардҳои босуръати илму техника ва технологияҳои навин, дар байни аҳли ҷомеа бештар нуфуз пайдо кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ба забони давлатӣ низ таъсир гузошта, барои рушду инкишофи табиии он монеаҳо низ эҷод мекунад. Шоистаи таъкид аст, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ ҳангоми истифодаи истилоҳу иқтибосот қолабҳои муайяни калимаю ибора ва истилоҳсозӣ, ки ба табиати забон мувофиқ бошанд, на ҳама вақт ба инобат гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, таъкиди ин нукта, ки бояд аз «иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосӣ ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонда шавад», дастури саривақтӣ буда, дар роҳи аз ҳисоби забонҳои дигар ва калимаю ибороти соҳавии улуми гуногун ғанӣ гардонидани забон муҳим мебошад. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ тарбияи насли ҷавон мебошад, ки илова ба хуб донистани забони модарии худ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир бояд ҳадди ақал се-чор забони хориҷиро донад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки «дар шароити ҷаҳонишавӣ, яъне таҳоҷуми фарҳангиву забонӣ моро зарур аст, ки баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ барои пешрафти забони тоҷикӣ ва тавсеаи доираи истифодаи он мунтазам кӯшиш ва ғамхорӣ намоем». Зеро, чунонки бузургон таъкид мекунанд, забони худро надониста, аз бар намудани забонҳои дигар имкон надорад. Роҷеъ ба ин гуфтаҳо, Пешвои муаззами миллат дар робита ба гиромидошти забони модарӣ таъкид намуданд, ки «мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем». Дар ҳақиқат, дар забони модарӣ ҳамчун дар оинаи пурҷило симои миллат ва тамоми дастовардҳои маънавии он инъикос мегардад ва аз ин рӯ, дар сатҳи олӣ донистани забони давлатӣ ва пок нигоҳ доштани он зарур мебошад. Дар пасманзари гуфтаҳои Пешвои миллат таъкид намуданием, ки забони мо сарвати мо ва бойигарии маънавии миллат ба ҳисоб меравад, гиромӣ доштан ва ҳимояи он ба сифати забони давлатӣ вазифаи ҳар тоҷику тоҷикистонӣ ва мо, соҳибони ин забон мебошад

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи чунин шахсиятҳои бузурги давлатию таърихӣ мебошанд, ки дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ дар рушду тараққӣ кардани забон дар замони соҳибистиқлолӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Оре, забон ба унвони падидаи фарҳанги миллӣ аз замони пайдоиш барои нигаҳдории таърих, арзишҳоимаънавии миллат, анъана ва суннатҳои мардумӣ хизмат карда, ҳамчун муҳимтарин унсури бақои миллат худро муаррифӣ намудааст. Тавассути забон дар ҳофизаи хаттии миллатҳо маҷмуи тафаккур ва андешаи мардум ҳамчун мероси маънавӣ аз наслҳои гузашта то имрӯз нигаҳдорӣ гардидааст, ки барои таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ мусоидат мекунад. Дар ҳамин радиф, Пешвои миллат чунин зикр менамоянд, ки «мо вазифадорем, ки ин хазинаи бемислро чун гавҳари чашм ҳифз намоем ва барои устувор гардонидани пояҳои забони давлатиамон ҳарчи бештар заҳмат кашем. Зеро, андеша ва ғояи миллии ҳар халқ дар забону адабиёт ва фарҳангу ҳунараш ифода ёфта, дар тафаккуру маърифати фарзандони он ташаккул меёбад». Албатта, дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо кӯшиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ ба куллӣ дигар шуд.

Ҳамин тариқ, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду густариши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ беназир буда, маҳз ба василаи сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат забони модарии мо дар замони соҳибистиқлолӣ ҷойгоҳи аслии худро соҳиб гардид.

# ИБТИКОРИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН: ПЕШНИҲОДИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР СММ БАРОИ "СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ"

## (дар ҳошияи суханронии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии СММ)



Саидзода Муҳаммадҷон
донишҷӯи соли 3

Дар даврони муосир ҳуқуқ ва маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа нақши муассир доранд. Ҳар ду, дар радифи дигар арзишҳои иҷтимоӣ, метавонанд ба таҳкими адолат, субот ва ҳамбастагӣ мусоидат кунанд. Оид ба ин, яке аз пешниҳодҳои ҷолиб ва муҳим аз ҷониби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин аст, ки Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) соли байналмилалии маъри¬фати ҳуқуқиро эълон намояд. Ин тарҳ на танҳо як ибтикори сиёсӣ, балки як маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аст. Тибқи суханони Эмомалӣ Раҳмон, «маърифати ҳуқуқӣ василаи муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими давлатдорӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад». Эълони "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" тавассути қатъномаи СММ як роҳи қонунӣ ва дорои эътирофи ҷаҳонӣ аст. Он метавонад тавассути гурӯҳҳои дӯстдорони ҳуқуқ, кишварҳои тарафдор ва созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ ва дастгирӣ пайдо кунад. Ин ибтикор, ки аз таҷрибаи пешини Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ сарчашма мегирад, ҳадаф дорад ҷомеаи ҷаҳониро ба зарурати баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ҷалб намояд. Пешниҳод бар он асос меёбад, ки маърифати ҳуқуқӣ пояи рушди устувори демократия, адолат ва сулҳ дар ҷомеаҳои муосир мебошад. Тоҷикистон қаблан низ бо ташаббусҳои созанда, аз ҷумла эълони Соли байналмилалии оби тоза, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ва Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо шинохта шудааст. Ҳамаи ин ташаббусҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, дар сатҳи СММ мавқеи устувор касб кардаанд.

Дар бисёр давлатҳо, бахусус дар кишварҳои рушдёбанда, фаҳмиш ва риояи ҳуқуқ ҳамчун шарт ва заминаи рушди демократӣ муҳим аст. Маърифати ҳуқуқӣ маънои донистан ва фаҳмидани ҳуқуқ ва вазифаҳои худ асоси ҷомеаи ҳуқуқбунёд аст.

Дар сатҳи миллӣ, чунин «соли байналмилалӣ» метавонад барои Тоҷикистон як чараёни пурқимат шавад: шинохти байналмилалӣ, ҷалби коршиносон, тақвияти системаи ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандони кишвар дар бораи риояи ҳуқуқ. Дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, аз он метавон истифода бурд, ки кишварҳои минтақа, ки мушкилоти ҳуқуқӣ доранд таҷрибаҳои Тоҷикистонро омӯзанд ва ҳамкорӣ кунанд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ, ин пешниҳод метавонад як қадами нав ба сӯи густариши фарҳанги ҳуқуқ дар байни кишварҳо бошад, ва мусоидат намояд ба камшавии зӯроварӣ, коррупсия ва низоъҳои ҳуқуқӣ. Дар сурати пазируфта шудани ин пешниҳоди нав, давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ вазифадор мешаванд, ки барномаҳо ва лоиҳаҳои вижаи баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқиро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ намоянд. Агар пешниҳоди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи эълони "Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ" аз ҷониби СММ қабул шавад, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд ҷанбаи мусбат дорад:

**1. Баланд шудани нуфузи байналмилалӣ**

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор боз ҳам бештар эътироф мешавад. Ин иқдом идомаи ташаббусҳои маъруф (дар соҳаи об ва пиряхҳо) хоҳад буд ва обрӯю эътибори кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ боло мебарад.

**2. Тақвияти фарҳанги ҳуқуқӣ дар дохили кишвар**

Барномаҳои марбут ба маърифати ҳуқуқӣ дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва ҷомеа густариш меёбанд. Ин ба баланд шудани сатҳи огоҳии шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои худ ва иҷрои уҳдадориҳо мусоидат мекунад.

**3. Камшавии ҳуқуқвайронкунӣ ва фасод**

Вақте мардум ҳуқуқ ва қонунро беҳтар медонанд, имкони вайрон кардани он коҳиш меёбад. Ин ба коҳиши коррупсия, беҳбуди адолати судӣ ва болоравии эътимод ба давлат мусоидат мекунад.

4. Ҷалби ҳамкорӣ ва дастгирии байналмилалӣ

Бо қабул шудани ин ташаббус, Тоҷикистон метавонад аз созмонҳо ва кишварҳои дигар барои иҷрои барномаҳои маърифати ҳуқуқӣ маблағ ва таҷриба ҷалб кунад.

**5. Тақвияти мавқеи ҷавонон**

Барномаҳои омӯзиши ҳуқуқ барои ҷавонон бештар дастрас мешаванд. Онҳо метавонанд дар оянда ҳамчун ҳуқуқшинос, ҳомии ҳуқуқ ва фаъоли ҷомеа саҳми муҳим гузоранд.

**6. Ҳамоҳангӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ**

Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба арзишҳои умумибашарӣ содиқ аст ва дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ саҳм мегузорад.

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ҶОЙГОҲИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ ОМӮЗГОР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

*Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгор мақоми махсус ва мартабаи баландро соҳиб шуда, ҳамчун шахсияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ шинохта мешавад. Ин ҷанбаи муҳим дар сиёсати давлатии кишвар бевосита бо ташаббус ва ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад. Пешвои миллат борҳо дар суханрониҳои худ таъкид кардаанд, ки бе омӯзгори соҳибмаърифат ва ватандӯст тарбияи насли ояндасоз ва таҳкими пояҳои давлати миллӣ ғайримумкин аст.*



Абдуллозода Баҳодур
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, н.и.ҳ

Мақоми омӯзгор ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии ҷомеаи муосир дар тамоми низомҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мавқеи устувор дорад. Дар низоми иҷтимоиву маънавии ҳар давлат, омӯзгор шахсияти марказиест, ки тавассути фаъолияти ӯ раванди интиқоли дониш, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи ахлоқӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ таъмин мегардад. Ҳамин хусусият омӯзгорро ба унсури муҳимми давлатсозӣ ва ҷомеасозӣ табдил додааст.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши омӯзгор хусусияти сифатан нав пайдо намуд Истиқлол на танҳо дастовардҳои сиёсиву иқтисодиро дар пай дошт, балки заминаи таҳаввулоти ҷиддӣ дар соҳаи маориф ва мақоми омӯзгор низ гардид. Дар даврони Истиқлол омӯзгор вазифаи дучандро ба дӯш гирифт, аз як тараф, омӯзиши донишҳои муосир ва мутобиқсозии раванди таълим ба талаботи ҷаҳонишавӣ, аз ҷониби дигар, ҳифз ва тақвияти худшиносии миллӣ, забон, таърих ва арзишҳои маънавии ҷомеа.

Саҳми Пешвои миллат дар баланд бардоштани мақоми омӯзгор, пеш аз ҳама, дар таҳия ва татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф, қабули қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ, беҳтар гардонидани шароити иҷтимоиву иқтисодии омӯзгорон ва баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо ифода меёбад. Илова бар ин, таваҷҷуҳи доимӣ ба масъалаҳои афзун намудани маоши омӯзгорон, фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва моддӣ барои фаъолияти омӯзгорӣ ва арҷгузорӣ ба заҳмати омӯзгорон ҷойгоҳи ин табақаи иҷтимоиро дар ҷомеа устувор намудааст.

Дар фарҳанги тоҷикон, омӯзгор ҳамеша мавқеи баланд ва арҷмандро соҳиб будааст. Омӯзгорон ҳамчун пайвандгари наслҳо шинохта мешаванд. Дар кишваре, ки таърих ва анъанаҳои миллии он дар тарбия ва маърифат ҷойгоҳи хос доранд, омӯзгорон ба тарбияи ҷавонон ва кумак ба онҳо барои қадр кардани мероси фарҳангии худ аҳаммияти бузург медиҳанд. Дар Тоҷикистон, омӯзгорон ҳамчун василаи нигоҳдорӣ ва идомаи фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ амал мекунанд. Албатта, дар замони Истиқлол таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба эътибори омӯзгор ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа афзун гардид, зеро пешрафти тамоми соҳаҳо аз фаъолияти пурсамари омӯзгор вобаста аст. Ба андешаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар ташаккули маънавию зеҳнии ҳар фард баъди модар омӯзгор меистад. Маҳз омӯзгор хишти аввалини бинои маърифату фарҳанги ҳар инсонро мегузорад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки мақоми омӯзгорро дар ҷомеа баланд бардорем ва барои ӯ шароити мусоид, имконияти беҳтари ҷустуҷӯи роҳҳои наву замонавии таълиму тарбияро муҳайё созем”. Дар ҳамин асос, омӯзгор дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо як шахсияти касбӣ, балки рамзи давлатдорӣ, муҳофизи истиқлоли маънавӣ ва тарбиятгари шахсиятҳои худшиносу ватандӯст махсуб меёбад.




Қобили зикр аст, ки дар даврони Истиқлол соҳаи маориф ва нақши омӯзгорон дар ҷомеа аз нигоҳи сохторӣ, мақсад ва воситаҳои корӣ бо тағйироти амиқ рӯ ба рӯ шуд. Мақсади асосии ин тағйиротҳо, ки асосан барои эҷод кардани заминаи устувори таҳсилот ва омода кардани мутахассисони баландихтисос сурат гирифт, ин буд, ки омӯзгорон на танҳо дар соҳаи таълим, балки дар ташаккул ва рушд ёфтани фарҳанг ва ахлоқи миллӣ нақши муҳимеро иҷро кунанд.

Ҳамин аст, ки Пешвои миллат омӯзгорро ҳамчун шахси мӯътабар баҳо додааст: «Бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти ҷомеаро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҳаёти ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи Ватанро ба камол мерасонад». Ҳамзамон, хотирнишон сохтанд, ки «Эҳтиром ба омӯзгор – эҳтиром ба ояндаи миллат аст».

Боиси ифтихору сарфарозист, ки рушди соҳаи маориф ва фароҳам овардани беҳтарин шароит барои таълиму тарбия, инчунин, қадршиносию арҷгузорӣ аз заҳматҳои фидокоронаи аҳли маориф дар меҳвари сиёсати инсонпарваронаву ватандӯстонаи Пешвои муаззами миллат қарор дорад. Чуноне, ки дар суханронии Пешвои миллат ба ифтихори Рӯзи дониш омадааст: “Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди соҳаи маориф ва илм, фароҳам овардани шароити муосир барои таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан ва омода намудани кадрҳо барои иқтисоди миллӣ то имрӯз бисёр иқдомоти созанда ва ба оянда нигаронидашударо амалӣ гардонид. Зеро давлатро танҳо мутахассисони соҳибтаҷриба ва шахсони дорои дигар ихтисосҳои замонавӣ, яъне кадрҳои баландихтисос обод мекунанд.

Дар шароити пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо танҳо кишварҳое рушд мекунанду мақому ҷойгоҳи сазовори худро нигоҳ дошта метавонанд, ки мардуми босаводу соҳибмаърифат, олимону донишмандон, кадрҳои баландихтисосу ихтироъкор ва техникаву технологияҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй дошта бошанд”.

Хулоса, дар тарбияи насли худогоҳу худшинос ва ватандӯст омӯзгор нақши муассир дорад ва калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлоли зеҳнӣ муаллим ва хазинаи маънавию илмии башарият махсуб меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки омӯзгор дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хоссаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ пайдо кардааст. Дар замони истиқлол вазифаи омӯзгор бо рисолати таърихии давлатсозӣ ва миллатсозӣ ҳамбастагӣ пайдо карда, ба як унсури устувори низоми маънавӣ ва сиёсии кишвар табдил ёфтааст.

Таҳқиқ собит месозад, ки омӯзиши мақоми омӯзгор аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Аз нигоҳи назариявӣ, он ба равшан сохтани ҷойгоҳи омӯзгор дар низоми иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсии кишвар мусоидат менамояд, дар ҳоле ки аз ҷиҳати амалӣ он ба такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ ва таҳкими нақши онҳо дар тарбияи шаҳрвандони худшиносу ватандӯст мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзгор дар замони истиқлол ҳамчун кафолатбахши устувории фарҳангӣ, маънавӣ ва зеҳнии ҷомеа шинохта мешавад, ки рисолати ӯ дар ташаккули шахсият ва насли оянда аҳаммияти сарнавиштсоз дорад.

# ЗАБОНИ МИЛЛӢ ОИНАИ ПУРҶИЛОИ МИЛЛАТ



Шаҳноз Содиқзода
корманди дастгоҳи суди Олӣ

Забон рамзи худшиносиву худогоҳӣ ва муттаҳидгардонии миллат ба ҳисоб рафта, аз оғози пайдоиши таърихи башарият арзи ҳастӣ намудааст. Муҳимияти он таҷассумгари тамаддун, фарҳанг, маданият ва мавҷудияти инсонӣ буда, мавқеи сиёсии давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд. Шаҳодати ин гуфтаҳо, давлатдории тоҷикон дар арсаи таърих махсуб ёфта, дар мисоли давлати Сомониён дида мешавад.

Таҳлили ҳукмронии ин давлати абарқудрат нишон медиҳад, ки забон ҳамчун рукни давлатдорӣ ва воситаи асосии фаъолияти он арзёбӣ гардида, тавассути асарҳои назмиву насрии мутаффакирон то ба имрӯз маҳфуз нигоҳ дошта шудааст.

Бояд тазаккур намуд, ки забон дар ҷамъият мавқеи назаррас дошта, ҳамчун воситаи муошират, инъикоскунандаи таърих ва фарҳанг, муаррифгари мероси гузаштагон, рамзи ягонагӣ ва худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки забон, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ бидуни пуштибонии сиёсӣ, имкони такомул надорад. Бо назардошти ин, 22 июли соли 1989 забони тоҷикӣ мақоми давлатиро касб карда, пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ мавқеи худро гум кард.

Дар ин замина, баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсия, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ эътироф гардид. Дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастуру роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 2009 бо мақсади аз нав барқарор намудани мавқеи давлатӣ ва густариш додани фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шуд. Ин санади ҳуқуқӣ барои рушди минбадаи забони тоҷикӣ, ҳамчун забони расмии давалатдорӣ ва воситаи таблиғи афкори ҷамъият дар замони соҳибистиқлолӣ нақши бориз гузошта, қадами устуворе ба сӯйи созандагӣ ва тақвияти фарҳанги ғановатманди халқи тоҷик мебошад.

Дар ин радиф, бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри таъмини иҷрои пурраю ҳамаҷонибаи меъёрҳои Қонуни мазкур ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти таҳкими забони давлатӣ, соли 2009 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки фаъолияти он пайдарпай бахри тақвият додани мавқеи забони давлатӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ назаррас мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки забони тоҷикӣ дар баробари воситаи муошират мардуми тоҷикзабон, ҳамчунин забони қонунгузорӣ, коргузорӣ ва фаъолияти илмиву адабӣ эътироф гардидааст. Далолати он, муқаррарот моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мебошад, ки мувофиқи он қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ бо забони давлатӣ таҳия ва қабул мегарданд.

Лозим ба тазаккур аст, ки фаъолияти коргузорӣ дар низоми судии кишвар низ пурра бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, тибқи муқаррароти моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Мурофиа бо забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии махал баргузор мегардад”, ки ин бартарияти забонро дар ҳокимияти судӣ нишон медиҳад. Зеро лахҷаҳо ва алфози маҳаллӣ низ қисми таркибии забони тоҷикӣ буда, дар минтақаҳои гуногуни кишвар мавқеи махсуси худро доранд.

Гузашта аз ин, санадҳои судӣ аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо бо назардошти риояи фарҳанги дурусти имлои забони тоҷикӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳамзамон, бояд иброз намоем, ки имрӯз забони тоҷикӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ мавқеи намоёнро пайдо намуда, ташаббусҳои беназири Сарвари давлат бо забони давлатӣ оид ба обу иқлим, таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, зеҳни сунъӣ ва маърифати ҳуқуқӣ аз минбари баланди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шаҳодати ин гуфтаҳо мебошад.

Мутобиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” ҳамасола 5 октябр дар саросари кишвар “Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҷлил мегардад. Таҷлили ин ҷашн гувоҳи соҳибдавлатӣ, ваҳдату ягонагӣ ва тамаддуни бою ғании фарҳанги тоҷиконро инъикос менамояд.



Шарифзода Суруш
корманди дастгоҳи суди Олӣ

Гиромидошти забони тоҷикӣ ва рушду такомули он аз муҳимтарин вазифа ва масъулияти миллию иҷтимоии ҳар як соҳибзабон маҳсуб ёфта, мо ҷавононро вазифадор менамояд, ки бо шукургузорӣ аз соҳибистиқлолӣ ва осудагии кишвар, бахри мустаҳкам намудани забони давлатӣ ҳамчун пояи устувори кишвар, содиқона ба Ватан ва миллати худ хизмат намоем. Кушиш ба харҷ диҳем, ки дар ҷамъият аз пастсуханиву соддабаёнӣ ва дағалгуфторӣ дурӣ ҷуста, забони худро поку беолоиш нигоҳ дорем. Маданияти суханварӣ ва ҳусни гуфторро риоя намуда, бахри пешгирии олудашавии забони нобу тоҷикӣ бо алфози бегона чораҳои зарурӣ андешем. Зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ мустаҳкам нигоҳ доштани забон, ки ҷузъе аз фарҳанги миллии мо мебошад, айни муддаост.

# АЗ МАКТАБ ТО ДОНИШГОҲ: РОҲНАМОИ МАН – ОМӮЗГОР

Дар зиндагии ҳар инсон шахсоне ҳастанд, ки роҳро нишон медиҳанд, илҳом мебахшанд ва барои оянда чароғи умед меафрӯзанд. Барои ман, писарбачаи деҳот, ки имрӯз дар оғози роҳи донишҷӯӣ қарор дорам ва орзуи ҳуқуқшинос шуданро дар дил мепарварам, чунин шахсият омӯзгор мебошад. Агар деҳа бо осмони софу замини сермева маъруф бошад, пас омӯзгор ба он рӯшноии маърифат мебахшад ва барои насли ҷавон ҷаҳони дигар мекушояд. Ман хуб мефаҳмам, ки ҳама дастовардҳо ва орзуҳои касбӣ аз заҳмати омӯзгорон сарчашма мегиранд. Аз аввалин дарсҳои мактаб то ба имрӯз, ҳар қадамамро омӯзгорон раҳнамоӣ карданд ва бо суханони илҳомбахш моро ба роҳи дуруст ҳидоят намуданд. Пешвои миллат таъкид кардаанд:« Ҷавонон бояд соҳибмаърифат ва соҳибҳунар бошанд, зероояндаи миллат ба дасти онҳо вогузор мешавад».



Холиқов Рамазон
донишҷӯи соли 1

## ОМӮЗГОР — РОҲНАМОИ ДУРУСТИ ЗИНДАГӢ

Омӯзгорон на танҳо дониш медиҳанд, балки барои ҳар ҷавон намунаи ибрат ва роҳнамо мешаванд.Онҳо моро водор мекунанд, ки фикр кунем, интихоб кунем ва барои амалҳои худ масъулият бар дӯш гирем.Ҳар машварат ва ҳар намунаи рафтори устод метавонад роҳи зиндагии моро равшан кунад ва моро ба кӯшиш ва талош ҳидоят намояд. Мисолан, вақте ки мо хато мекардем, омӯзгорон бо сабру меҳрубонӣ хатоҳои моро ислоҳ мекарданд. Вақте ки аз зиндагӣ шикоят мекардем, суханони ҳидояткунанда ва илҳомбахши онҳо моро умед мебахшид. Яке аз омӯзгорони ман, ки маҳз тавассути ҷаҳду талошҳояш маро ба мартабаи донишҷӯӣ расонд, боре ба ман гуфт: «Ҳар як кӯдак агар дар ҳақиқат майли хондан дошта бошад, аз деҳа ҳам метавонад бузург шавад.»Бо заҳмати омӯзгорон мо мефаҳмем, ки дониш танҳо аз китоб нест, балки аз таҷриба ва роҳнамоии устод ба даст меояд. Ҳар муаллим метавонад бо як калима, як маслиҳат ва ҳатто як намунаи рафторояндаи як инсонро тағйир диҳад.

Агар устод бо садоқат ва масъулият фаъолият кунад, ҳар як шогирд ба роҳи дуруст қадам мегузорад. Агар имрӯз ҷавонони тоҷик дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон таҳсил мекунанд ва олимону мутахассисони варзида дорем, ин ҳама самари заҳмату талоши омӯзгорон аст.

## САҲМИ ОМӮЗГОРОН ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ ҶАВОН

Дар замони муосир, ки ҷаҳони илм босуръат рушд мекунад, нақши омӯзгор боз ҳам бештар мегардад. Омӯзгор бо таҷриба ва ҷаҳонбинии худ ба донишҷӯён на танҳо фан, балки роҳу равиши зиндагиро меомӯзад. Маҳз омӯзгоронанд, ки насли ҷавонро соҳибмаърифат, масъулиятпеша ва ватандӯст тарбия мекунанд. Пешвои миллат таъкид мекунанд: «Бузургтарин сармояи ҷомеа маърифат аст, ва маърифат аз омӯзгор оғоз меёбад.»

## ОМӮЗГОР — ПАЙВАНДИ ТАЪРИХ ВА АДОЛАТ

Дар тӯли таърих, аз мадрасаҳои қадим то донишгоҳҳои муосир, омӯзгорон ҳамеша поягузори маърифат ва адолат буданд. Онҳо аввалин бор ба инсон мефаҳмонданд, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ ҷудонашавандаанд ва бе шинохти онҳо ҷомеа ба бесарусомонӣ меафтад. Дар Юнони бостон муаллимон ҷавононро барои иштирок дар зиндагии сиёсӣ омода мекарданд, то шаҳрвандони масъули ҷомеа шаванд. Дар таърихи тоҷик низ омӯзгорон қозиён, донишмандон ва қонуншиносони асилро тарбия кардаанд. Ҳар дарси устод на танҳо дониш, балки эҳтиром ба қонун ва росткавлиро дар қалби ҷавонон ҷой медиҳад. Муаллим бо заҳмат ва садоқати худ нишон медиҳад, ки ҷомеа бе маърифат ва тарбияи ӯ рушд карда наметавонад.

## АРЗИ ЭҲТИРОМ БА ОМӮЗГОРОН

Имрӯз, ки мо ба Рӯзи омӯзгор наздик мешавем, меҳохам аз дилу ҷони худ бигӯям: омӯзгорон на танҳо муаллимони синфу фаннанд, онҳо чароғи умед, сармояи маърифат ва такягоҳи ҷомеаанд. Пас вазифаи мо — донишҷӯён ва ҷавонон — ин аст, ки бо дониш ва амали худ заҳмати омӯзгоронро қадр намоем. Чунки омӯзгор чароғест, ки агар мо онро бо ҷаҳолат пӯшонем, роҳҳои оянда торик мемонанд,вале агар онро бо дониш ва масъулият равшан нигоҳ дорем, ҷомеаи мо ба сӯи фардои дурахшон қадам мегузорад.

# РУШДИ ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА





Маҳмадалиева Фотима
донишҷӯи соли 1

Дар шароити муосир, дар соҳаи ҳуқуқ рӯз то рӯз тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада истодааст. Яке аз бахшҳои муҳими ин соҳа илми криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҷузъи ҷудонашавандаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ махсуб меёбад.

Криминалистика калимаи лотинист, ки аз «criminalis» — ҷиноят ва «scientia» — илм сарчашма мегирад. Ин илм қонуниятҳои марбут ба механизми содиршавии ҷиноят, роҳҳои пайдоиши маълумот оид ба ҷиноят ва иштирокчиёни он, инчунин усулҳои ёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва истифодаи далелҳоро меомӯзад. Дар заминаи омӯзиши амиқи ин равандҳо, криминалистика методҳо ва василаҳои мубориза бар зидди ҷиноятҳоро таҳия ва такмил медиҳад.

Ин илм ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кумаки назаррас мерасонад, то ки далелҳои воқеӣ ва саҳеҳ ҷамъоварӣ ва истифода шаванд.

Таърихи ташаккули илми криминалистика аз ҷониби муҳаққиқон вобаста ба омилҳои гуногун тавсиф мегардад. Яке аз муаррихони маъруфи ин соҳа — Юрген Торвалд, дар асари машҳури худ таҳти унвони «100 соли криминалистика» (100 лет криминалистики), ба таври муфассал ба масъалаҳои пайдоиш ва рушди криминалистика, махсусан дар кишварҳои Аврупо, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Ба андешаи муаллиф, таҳкурсии илми криминалистика ба асарҳои олимони маъруф, аз ҷумла Алфонс Бертилион (Фаронса), Уилям Ҳершел (Ҳиндустон) ва дигарон рабт дорад. Алфонс Бертилион дар соли 1879, дар натиҷаи таҳлили муқоисавии ҳазорҳо тасвири ҷинояткороне, ки дар сабти полис қарор доштанд, ба хулосае омад, ки бо истифода аз маҷмӯи аломатҳои зоҳирии инсон метавон на танҳо фарқияти шахсонро муайян кард, балки айнияти (ҳувияти) шахси мушаххасро низ бо дақиқӣ муайян намуд.

Дар соли 1877, табиби англис Уилям Ҳершел дар шаҳри Ҳугли — марказии яке аз вилоятҳои Ҳиндустон, ҳазорон пайи ангуштони инсонро таҳқиқ намуда, ба хулоса омад, ки хатҳои папиллярии қисми ноҳунакӣ ҳар як ангушт дорои аломатҳои инфиродӣ мебошанд. Бар асоси маҷмӯи ин аломатҳо метавон айнияти (ҳувияти) шахси мушаххасро бо дақиқ муайян кард.

Дар солҳои 1870–1880, дар Япония шаҳрванди Шотландия Генри Фолдс ва дар Англия Френсис Галтон низ бо таҳқиқи хатҳои папиллярии ангушт ба ҳамин хулоса расиданд. Онҳо исбот карданд, ки ин хатҳо хусусияти комилан фарққунанда дошта, барои муайянсозии ҳувияти шахс метавонанд василаи боэътимод бошанд. Дар асоси ин кашфиёт, дар як қатор кишварҳо — аз ҷумла Франсия, Англия, ИМА ва дигар давлатҳо, низоми бақайдгирии дактилоскопӣ ҷорӣ карда шуд.

Дар нимаи дуюми асри XIX, олими австриягӣ Ганс Гросс асари машҳури худро таҳти унвони «Роҳнамо барои муфаттишон» ба табъ расонд. Ин китоб яке аз аввалин манбаъҳои таълимии соҳаи криминалистика ба шумор мерафт ва ба рушди илмии ин соҳа заминаи устувор гузошт.

Соли 1888 дар Олмон муҳаққиқ Элбер ва аввали асри XX дар Италия Эдмонд Локар низ дар самти истифодаи хатҳои папиллярӣ бо мақсади муайян кардани айнияти шахсият, корҳои илмӣ ва татбиқӣ анҷом доданд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, соли 1924, роҳбари мақомоти полис — Эдгар Ҳувер, низоми дактилоскопиро ба таври умумӣ дар ҳамаи иёлотҳо ҷорӣ намуд, ки он як иқдоми муҳим дар самти таҳқиқи илмии ҷиноятҳо ва муайянсозии шахсиятҳо ба ҳисоб меравад.

Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки мафҳуми илми криминалистикаро дар асоси равияҳои илмҳои табиатшиносӣ, тиббӣ ва техникӣ таъриф кардааст, профессор И.Н. Якимов мебошад. Ба андешаи ӯ, криминалистика як соҳаи махсуси илм аст, ки барои тафтиш ва таҳқиқи ҷиноятҳо, инчунин омӯзиши хусусиятҳои физиологӣ ва ахлоқии шахсияти ҷинояткор истифода бурда мешавад.

Олим А.И. Винберг криминалистикаро ҳамчун илме тавсиф намудааст, ки тарзҳои техникӣ, тактикӣ ва воситаҳои ёфтан, мустаҳкамсозӣ, сабт ва таҳқиқи далелҳои судиро меомӯзад. Ин далелҳо барои фош кардани ҷиноятҳо, муайян намудани гунаҳкорон ва таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноят истифода бурда мешаванд.

Соли 1967, олими маъруф Р.С. Белкин таърифи комилтари илмии криминалистикаро пешниҳод намуд. Ба андешаи ӯ, криминалистика илмест, ки қонуниятҳои ба вуҷуд омадан, мустаҳкамсозӣ, таҳқиқ, баҳогузорӣ ва истифодаи далелҳоро меомӯзад. Дар асоси фаҳмиши ин қонуниятҳо, илм роҳу усулҳои тадқиқоти судӣ ва низомҳои пешгирии ҷиноятро таҳия мекунад. То имрӯз ин таъриф ҳамчун мафҳуми расмии илмии криминалистика пазируфта шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанни криминалистика расман аз соли 1952 оғоз гардид. Дар ҳамин сол, М.К. Каратсев - шахсе, ки то он замон ҳамчун муфаттиши калони Раёсати корҳои дохилии ВКД РСС Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) фаъолият мекард, ба ҳайси омӯзгор ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҷалб гардид.

Соли 1959, бо пешниҳоди ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ДДТ), академики Академияи илмҳои Тоҷикистон профессор С.А. Раҷабов, дотсент Я.Т. Яковлев аз Донишгоҳи давлатии Минск ба кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети ҳуқуқшиносии ДДТ ба кор қабул шуд.

Дар факултети ҳуқуқшиносии ДДТ, таҳти роҳбарии муҳаққиқони варзида, аз ҷумла Я.М. Яковлев, Л.В. Франк, профессори кафедраи криминалистикаи Донишкадаи умумииттифоқии ҳуқуқшиносии Россия М.П. Шаламов, профессори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Б.И. Шевченко, профессор А.И. Винберг ва як қатор криминалистони ҷавони тоҷик, ба монанди дотсентон Ҷ.С. Орифов, Ҳ.С. Салимов, Ю.А. Қурбонов, З.Д. Ямокова, И.М. Зобина, И.Я. Овруцкий, профессор А.Х. Ҳотамов ва дигарон, рушди илм ва омӯзиши криминалистика дар ҷумҳурӣ таҳким ёфт ва мутахассисони баландпоя дар ин соҳа ба камол расиданд.

Бо мақсади татбиқи муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» ва аз 29 апрели соли 2009, таҳти №253 «Дар бораи тасдиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019», ҳамзамон дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2013, №05/1-790, бо мақсади мусоидат ба ошкорсозии ҷиноятҳо ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар, соли 2013 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2013, №102-09 дар факултети ҳуқуқшиносӣ кафедраи махсусгардонидашудаи «Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ» таъсис дода шуд. Ҳамзамон, дар асоси ҳамин иқдом, ихтисоси нави таълимии «Экспертизаи судӣ» ба роҳ монда шуд.

Илова бар ин, дар доираи татбиқи Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030 ва тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии он, дар назди ҳамин кафедра ихтисоси нав — «Фаъолияти ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо киберҷинояткорӣ» таъсис дода шудааст. Ин иқдомҳо барои омода намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои муосир, баҳусус ҷиноятҳои киберӣ, заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияти худ саҳми назаррас дар рушду густариши илми ҳуқуқшиносӣ гузоштааст. Дар заминаи он садҳо асарҳои илмӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавӣ ба табъ расидаанд, ки ба таълим, тарбия ва ҳалли масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, то имрӯз аз ҷониби ҳайати кафедра 4 китоби дарсӣ, 3 монография, 4 воситаи таълимӣ-методӣ, 20 барнома ва дастурҳои таълимӣ ва зиёда аз 200 мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва фишурдаҳо нашр шудаанд.

Ин асарҳо, бахусус маводи таълимӣ ва методӣ, барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиш ва ташкили дарсҳои фаннҳои таълимӣ дар кафедра нақши калидӣ доранд.

Аз соли 2013 то соли 2025 дар асоси фаъолияти илмии кафедра, 7 нафар устодон рисолаҳои номзадӣ ва 1 нафар рисолаи докториро бомуваффақият дифоъ намудаанд, ки ин нишондиҳандаи рушди неруи илмӣ-тадқиқотӣ дар самти криминалистика ва экспертизаи судӣ мебошад.

Дар рӯзҳои аввали таъсисёбии кафедра, устодон Ҳ.С. Салимов, З.Д. Ямокова ва А.Қ. Назаров ҳамчун аввалин мутахассисони соҳавӣ бо унвонҳои илмӣ фаъолият мекарданд. Мудири аввалин ва феълии кафедра — номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент А.Қ. Назаров мебошад, ки аз рӯзи таъсисёбӣ то имрӯз ин вазифаро бар уҳда дорад.

Дар кафедра омӯзиши фанҳои муҳими тахассусӣ, аз ҷумла: криминалистика, фаъолияти экспертизаи судӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин як қатор курсҳои махсуси дигар ба роҳ монда шудааст.

Айни ҳол, дар ҳайати доимии кафедра 13 корманди штатӣ фаъолият доранд, ки аз ҷумлаи онҳо 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (профессорон) ва 6 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд.

Дар ҷамъбасти таҳқиқот метавон ба ин натиҷа расид, ки илм ва амалияи криминалистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият марҳила ба марҳила рушд карда, яке аз самтҳои муҳим ва зарурии тайёр кардани кадрҳои соҳаи ҳуқуқ табдил ёфтааст. Таъсиси кафедраи махсусгардонидашудаи «Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ» дар сохтори факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳияи ихтисосҳои нав ва нашри садҳо корҳои илмӣ ва методӣ аз рушди устувори ин соҳа шаҳодат медиҳанд.

Кафедра бо ҷалби мутахассисони соҳибунвон, ташкили фанҳои муосир ва ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори давлатӣ тавонистааст, ки дар тайёр кардани ҳуқуқшиносони баландихтисос ва мутахассисони соҳаи экспертизаи судӣ саҳми назаррас гузорад. Инчунин, таваҷҷуҳи афзоянда ба масоили киберҷинояткорӣ ва таъсиси ихтисоси алоҳида дар ин самт, нишон медиҳад, ки соҳаи криминалистика ҳамқадам бо таҳаввулоти замон пеш меравад.

Ҳамаи ин дастовардҳо аз сиёсати оқилонаи ҳуқуқии давлат, дастгирии илму маориф ва меҳнати самараноки ҳайати омӯзгорони кафедра гувоҳӣ медиҳанд. Бо итминон метавон гуфт, ки криминалистика дар Тоҷикистон дорои заминаи устувори илмӣ буда, дар оянда низ нақши муҳимро дар таҳқиқ ва пешгирии ҷиноятҳо иҷро хоҳад кард.

*Тоҷикистон бо баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикиро ҳамчун муқаддасоти миллӣ эълон намуда, онро чун дастоварди таърихӣ ҳифз менамояд. Забони миллат таҷассумгари ҳастии миллат мебошад. Ҳар як шахс таърихи худро ба воситаи забон меомӯзад. Танҳо ба воситаи забон фарҳанг, тамаддун ва ҷомеа рушд меёбад.*

# ЗАБОН - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Забон падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад. Илова бар ин, забон яке аз унсурҳои миллии таконбахши таъриху фарҳанг ба шумор рафта, дар он анъана ва суннатҳои халқ ифода меёбад. Маҳз тавассути забон инсон арзишҳои маънавии худро меомӯзад, ҳифз менамояд ва ба ин арзишҳо арҷ мегузорад.

Забони тоҷикӣ аз зумраи забонҳое мебошад, ки таърихи чандинҳазорсола дошта, ҳазорон шоирону нависандагон ва донишмандон, аз қабили Рудакӣ, Фирдавсӣ, Ҷомию Саъдӣ, Ҳофизу Бедил, Сино ва дигарон осори хешро ба қалам овардаву рӯйи девори таърих нақшбандӣ намудаанд.

Дар мавриди ҳимоя, пуштибонӣ ва рушду густариши забони тоҷикӣ нақш ва мавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургу беназир аст. Маҳз бо шарофати фарзанди фарзонаи миллат чандин



Суҳайлидинова Дилноза
донишҷӯи соли 2

соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд. Ҳамасола санаи 5 - уми октябр дар саросари кишвар ҳамчун Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад.

Забон дар тамоми давраи рушди ҳаёти ҷамъиятӣ бахри ташаккули маънавиёти инсон нақши муҳим бозидааст ва имруз ҳам ин идома дорад. Қариб дар тамоми суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу




қонуну қарорҳо қабул карда шудаанд, ки мақому манзалати забонро хело боло бурдаанд. Бо баробари қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар моддаи 2-юми ин санади олӣ ҳамчун забони давлатӣ эълон гардидани забони тоҷикӣ заминае барои таҳия ва қабули қонуни нав дар бораи забонро ба вучуд овард. Ҳамин тавр, санаи 5 -уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки мувофики моддаи 1 қонуни мазкур истифодаи забони давлатиро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқукӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва

ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи нақш ва муҳимияти забон суханронӣ намуда, дар яке аз баромадҳояшон қайд карда буданд:»Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳар як миллат аст. Бинобар ин, саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва муҳим мебошад.

Хулоса, дар шароити пуртаззоду зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ҳар як фарди кишвар масъул аст, ки дар гиромидошти забони модарии хеш ва таҳкиму густариши забони давлатӣ саҳмгузор бошад.

# THE DAY OF TAJIK LANGUAGE: LEGAL AND CULTURAL DIMENSIONS

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**
**Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,**
**Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.**
***Human beings are members of a whole,**
**In creation of one essence and soul.**
**If one member is afflicted with pain,**
**Other members uneasy will remain.**
**If you have no sympathy for human pain,**
**The name of human you cannot retain.***



Атоева Хайриниссо
донишҷӯи соли 4

These lines, inscribed at the entrance of the United Nations Headquarters in New York, are the immortal words of the great classical poet Saadi Sherozi, one of the brightest representatives of Persian–Tajik literature. The fact that such words stand at the entrance of the world's largest international organization is not coincidental. It demonstrates the universal values embedded in Tajik (Persian) language: human dignity, solidarity, and justice. From here, we can sense the importance and beauty of the Tajik language, which continues to serve not only as a cultural treasure but also as a legal and political marker of national identity.

Language has always been one of the main pillars of identity and unity among peoples. The Tajik language, as one of the branches of the Persian linguistic and literary heritage, connects Tajikistan to centuries of rich cultural, scientific, and philosophical traditions. Through the works of Rudaki, Ferdowsi, Ibn Sina, Khayyam, Jami, and Saadi, the Persian–Tajik language shaped intellectual life across Central Asia, the Middle East, and beyond.

October 5, the official Day of the Tajik Language, symbolizes not only respect for linguistic heritage but also recognition of its role in the consolidation of national identity. In the Constitution of the Republic of Tajikistan (Article 2), the Tajik language is established as the state language, while Russian is defined as the language of interethnic communication. This legal framework reflects both the protection of the national linguistic identity and the practical necessity of international dialogue.

From a legal perspective, the recognition of a state language is more than a symbolic gesture. It is closely tied to the rights and duties of citizens, as well as to the functioning of public institutions. Language laws regulate education, administration, judicial proceedings, and media, ensuring that the state language remains a tool of governance and cultural continuity.

International law also acknowledges the importance of language. For instance, Article 27 of the International Covenant on Civil and Political Rights (ICCPR) protects the linguistic rights of minorities. At the same time, UNESCO emphasizes the safeguarding of linguistic diversity as part of cultural rights. Within this global legal framework, the Day of Tajik Language serves as a reminder that protecting and promoting one's national language is both a cultural duty and a legal responsibility.

In today's globalized world, languages face challenges from dominant global tongues, particularly English. While international communication is important, smaller languages risk marginalization. The Tajik language, spoken by millions in Tajikistan, Afghanistan, Uzbekistan, and diasporic communities worldwide, plays a crucial role in maintaining a sense of belonging.

Law students and legal professionals must be particularly aware of this dual reality: on one hand, they engage in international law, diplomacy, and cooperation often in English or Russian; on the other hand, they remain responsible for preserving the use and development of Tajik as the language of law, governance, and national consciousness. Without strong legal mechanisms to safeguard it, linguistic erosion could weaken cultural sovereignty.

In the end of this article it should be mentioned, the celebration of October 5 as the Day of Tajik Language is not merely a cultural event; it is an affirmation of Tajikistan's national identity, historical continuity, and legal sovereignty. Saadi's timeless poem at the UN entrance reminds us that languages carry universal messages of justice and solidarity, but they also embody the unique identity of a people.

For Tajikistan, the legal recognition and active promotion of its language ensures that future generations remain connected to their cultural roots while participating confidently in global dialogues. For law students, the Day of Tajik Language is an opportunity to reflect on how legal systems not only regulate rights and duties but also safeguard the most intimate aspect of a nation's existence: its language.

# ОМӮЗГОР – ТАРБИЯТГАРИ НАСЛҲО

**Ҳар сол 5-уми октябр ҷомеаи ҷаҳонӣ Рӯзи омӯзгорро ҷашн мегирад. Рӯзи омӯзгор на танҳо санаи тақвимӣ, балки рӯзест, ки моро ба андеша водор месозад: инсоният бе омӯзгор чӣ гуна метавонад вуҷуд дошта бошад? Агар табиат инсонро биофарад, пас омӯзгор ӯро такмил медиҳад, зеҳнашро равшан месозад ва маънавияташро ба камол мерасонад.**

Омӯзгор чун чароғест, ки худ месӯзад, то атрофро равшан кунад. Меҳнати ӯ дар саҳфаҳои китоб сабт намешавад, балки дар қалби шогирдон нақш мебандад.

Дар муҳити донишгоҳ нақши омӯзгор боз ҳам бузургтар аст. Ӯ на танҳо дониши фаннӣ меомӯзонад, балки ҷавонро ба худшиносӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулиятшиносӣ ҳидоят мекунад.

Онҳо бо дониш ва ахлоқи худ на танҳо илм меомӯзанд, балки шахсият месозанд, ба ҷавонон роҳнамои зиндагӣ мегарданд ва арзишҳои милливу умумибашариро интиқол медиҳанд.

Ҳар як олим, ҳар як шоир, ҳар як давлатсоз дар оғози роҳи худ устоде дошт, ки қадамҳои аввалини ӯро раҳнамунӣ кардааст.

Ба ифтихори Рӯзи омӯзгор мо бояд на танҳо шукргузорӣ кунем, балки дарк намоем, ки меҳнати омӯзгор идомаёбандаи ҳастии мост. Ҳар гоҳе ки мо фикре мегӯем, кашфе мекунем ё кори неке анҷом медиҳем, дар он саҳми омӯзгор ҳузур дорад.

Бигзор устодон ҳамеша боқуввату боилҳом бошанд, зеро то вақте ки чароғи омӯзгорӣ месӯзад, ҷомеа торик нахоҳад монд.



Ҳасанова Шукрона
донишҷӯи соли 3

# ЗАБОНИ МОДАРИРО ПОС ДОРЕМ



Абдуллозода Бунёд
донишҷӯи соли 1

*Забони модарии мо — забони нобу ширини тоҷикӣ, яке аз забонҳои бостонии олам ба шумор рафта, таърихи тӯлонии пуршараф дорад. Тайи асрҳои зиёд забони тоҷикӣ марҳалаҳои гуногуни рушду такомули хешро сипарӣ намуда, монеаҳои сунъиро дар роҳи инкишофи худ бартараф карда, то ба рӯзҳои мо омада расидааст.*

Марҳалаи якуми рушди забони тоҷикӣ ба даврони Сомониёни худшиносу миллатдӯст рост меояд, ки забони модарии хеш, яъне забони тоҷикиро ба мақоми давлатӣ баровароданд ва барои рушди адабиёту илм ба забони тоҷикӣ ҳаматарафа мусоидат намуданд.

Бо ибтикори сарварони бофарҳанги хонадони Сомонӣ, махсусан Исмоили Сомонӣ аҳли илму адаб аз гӯшаву канори мамлакати паҳновари Сомониён ба пойтахти он шаҳри овозадори Бухоро даъват шуда, барои таҳқиқу эҷод ҳамаи шароитҳои зарурӣ муҳайё карда шуданд.

Яке аз чунин бузургони сухан устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, ки бо даъвати амирони Сомонӣ ба Бухоро омад, дар он ҷо мақому манзалат ёфт ва тавассути эҷодиёти пурғановати хеш маликкушшуарои даври худ гардида, дар таърихи адабиёту фарҳанги мо чун сардафтари адабиёти классикии тоҷик шинохта шудааст.

Он шеъру достонҳоеро, ки Устод Рӯдакӣ ҳанӯз дар асрҳои 9-10 таълиф кардааст, пас аз гузашти зиёда аз ҳазору сад сол, мо насли имрӯза бе ягон мушкилӣ мефаҳмем, мазмунҳои баланди онро дарк менамоем, ки аз бузургиву беолоишии забони модарии мо дарак медиҳад.

Хидматҳои бузурги хонадони бофарҳанги Сомонӣ ва эҷодиёти пурвусъати Устод Рӯдакӣ барои рушди минбаъдаи илму адабиёти тоҷик заминаи муътамад гузошт. Ҳарчанд дар охири асри 10 давлати Сомониён аз байн рафт, аммо анъанаҳои адабӣ, илмӣ ва фарҳангии нахустин давлатдории тоҷикон дар қарнҳои баъдӣ низ устувор буданд. Ин аст, ки забони тоҷикӣ тавассути шоҳкориҳои мондагори Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ боз ҳам рушд кард, бо вожаву мафҳумҳои тоза ғанӣ гардид, сайқал ёфт ва ба яке аз забонҳои нерумандi олам мубаддал шуд.

Марҳалаи дуюми рушди забони тоҷикӣ бо ноил шудани Тоҷикистони маҳбуби мо ба Истиқлоли давлатӣ оғоз ёфт. Чунонки дар ин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд «пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони Истиқлол дар мақоми забони давлатӣ қарор дода шуд».

Дар рушди забони давлатӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ саҳму хидматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург аст. Маҳз бо ибтикори бевоситаи Пешвои муаззами миллат 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, санаи мазкур ҳамасола дар кишвар ба ҳайси Рӯзи забон ба таври бошукӯҳ таҷлил карда мешавад.

Лозим ба таъкиди хос аст, ки забони тоҷикӣ бори нахуст аз минбарҳои баландтарину бонуфузи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла аз минбари Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо дода, ба ин васила давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардид.

Ҳамаи ин аз сиёсати фарҳангпарваронаи Роҳбари давлат дар рушди забони тоҷикӣ дар замони муосир дарак медиҳад. Чунин таваҷҷуҳи хос ба забони модарӣ аст, ки Пешвои муаззами миллат барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми он дар ҷомеа ва мондагории он дар замони ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо китоби «Забони миллат – ҳастии миллат»-ро таълиф карданд, ки дар он тамоми раванди инкишофи забони тоҷикӣ дар масири таърих таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Мутолиаи ин китоби пурмуҳтаво ба ҳар як шахси худогоҳу ватандӯст зарур буда, муҳаббати ӯро ба забони модарӣ боз ҳам афзун месозад.

Айни ҳол забони тоҷикӣ дар кишвари мо ҳамчун омили ҳамбастагии мардуми шарифи Тоҷикистон шинохта шуда, забони сиёсату дипломатия, илму маориф, фарҳангу маънавиёт, забони санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқию қонунгузорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони Истиқлоли давлатӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои наҷибонаашон дар самти ҳифзу эҳёи муқаддасоти миллӣ ва махсусан забони давлатӣ пайваста талош менамоянд. Ин ҳолат мо пайравони содиқи Пешвои миллатро водор месозад, ки ба ин рукни муҳимми давлатдорӣ ҳамеша арҷгузор бошем.

Дар робита бо ин, Сарвари давлат таъкид месозанд: «Забони миллӣ симо ва пайкараи миллати мо мебошад. Аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост.»

Дар партави ин суханони пурҳикмати Пешвои муаззами миллат ҳар яки мо вазифадорем, ки ба забони модарии худ беш аз пеш эҳтиром гузорем, онро пос дорем, поку беолоиш нигоҳ дорем, дар роҳи ҳифзи он чун муҳимтарин омили ҳувияти миллӣ пайваста кӯшиш ба харҷ диҳем.

